**Тақризи**

роҳбари илмӣ ба рисолаи диссертатсионии Файзуллоева Мукаррама Маҳмудҷоновна дар мавзӯи «Технологияҳои муосири тадриси фани химия бо дарназардошти муносибати босалоҳият ба таълим» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси - 13.00.02 – Назария ва амалияи таълим ва тарбия (химия)

Унвонҷу Файзуллоева Мукаррама Маҳмудҷоновна соли 1994 ба Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Қ.Ҷуреав (ҳозира Садриддин Айнӣ) дохил шуда, соли 1999 онро бо ихтисоси «Химия-биология» хатм кардааст. Ӯ дар давраи омода намудани дисертатсия дар кафедраи методикаи таълими химияи факултети химия Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ кору фаъолият намудааст. Мавзӯи рисолаи номзадии унвонҷӯ таҳти рақами № 8/6.2. аз 28 феврали соли 2020 дар шурои олимони донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи СадриддинАйнӣ тасдиқ гардидааст. Дар раванди фаъолияти таҳқиқотӣ Файзуллоева Мукаррама худро ҳамчун муҳиққиқи асил муаррифӣ намуда, саривақт тамоми имтиҳонҳои номзадиро супурд ва бештар аз 13 мақолаву фишурдаҳои илмӣ доир ба мавзӯи таҳқиқотӣ ба шашр расонид.

Унвонҷу Файзуллоева Мукаррама дар рафти амалӣ намудани фаъолияти таҳқиқотӣ, махсусан ҳангоми ҷустуҷӯ намудан ва асоснок намудани мубрамияти мавзӯи таҳқиқотӣ, проблема, объект ва предмети он худро ҳамчун муҳаққиқи комил ва мустақил муаррифӣ намуд. Номбурда дар таҳқиқоти худ таркиби сохторӣ-ҷузъии салоҳиятмандии таҳқиқотии хонандагони синни миёнаи мактабӣ зимни дарсҳои химия дар шароити таҷдиди мундариҷаи таҳсилот ҳамчун маҷмӯи ташкилдиҳандаҳои фардӣ, маърифатӣ ва фаъолиятӣ муқаррар карда, ҳамзамон роҳҳои ташаккули салоҳиятмандии таҳқиқотии хонандагони сини миёнаи мактабиро дар дарсҳои химия дар шароити таҷдиди мундариҷаи таҳсилот ошкор сохт.

Дар кори таҳқиқотии худ унвонҷӯ Файзуллоева Мукаррама доираи васеъи таҳқиқотҳои психологию педагогиро таҳлил намуда, зимни он

муҳиммии проблемаи таҳқиқотро асоснок намуд. Ҳамзамон таҳлили мазкур ба унвонҷӯ имкон дод ихтилофҳои назарро миёни махсусиятҳои фаъолияти таҳқиқотии хонандагон ва ба қадри кофӣ коркард нашудани ҷанбаҳои назариявии ташаккули салоҳиятмандии таҳқикотии хонандагони синни миёнаи мактабӣ зимни дарсҳои химия дар шароити таҷдиди мазмуни тасилот ва миёни талаботи хонандагон ба фаъолияти таҳқиқотӣ ва омода набудани педагогҳо ҷиҳати амалӣ намудани он дар онҳо ҷойдоштаро ошкор созад.

Файзуллоева Мукаррама дар баррасии проблема ва вазифаҳои таҳқиқот суботкорӣ ва собитқадам буданашро нишон дод, ки сифатҳои муҳим барои муҳаққиқ маҳсуб меёбанд. Омодагии хуби психологию педагогӣ, дониши фаррох, маҳорати амиқ фурӯ рафтан ба умқи масъала, малакаҳои ташаккулёфтаи таҳқиқотӣ ба ӯ имкон доданд мафҳумҳои баҳсталаби таҳқиқотиро аз қабили «салоҳият», «салоҳиятмандӣ», «салоҳиятҳои таҳқиқотӣ» равшан намуда, мазмун ва мундариҷаи мафҳуми «салоҳияти таҳқиқотӣ»-ро муайян намояд.

Барои татбиқи раҳёфти салоҳиятмандӣ дар раванди таълими химия дар муассисаҳои таълимии миёнаи умумӣ унвонҷӯ Файзуллоева Мукаррама дар МТМУ –и № 55. 44, 63, 79,7 шаҳри Душанбе, таҳқиқот гузаронид, ки дар он хонандагони синфҳои 11-уми гурӯҳҳои паралелӣ (ҳамагӣ 143 нафар хонанда) ширкат намуданд. Натиҷаи таҳқиқоти мазкур нишон дод, ки дар аксарияти хонандагон дараҷаи баланди ташаккули салоҳиятҳои «Маҳорати ҳамкорӣ намудан бо иштирокчиёни гуногун», «Маҳорати дар даста маҳсулнок кор кардан», «Маҳорати истифодаи технологияҳои иттилоотӣ» ба чашм мерасанд, ки бешак аз маҳорати педагогӣ ва малакаҳои таҳқиқотии унвонҷӯ гувоҳӣ медиҳанд.

Ба унвонҷӯ Файзуллоева Мукаррама муяссар гардид, ки ба таври муназзам ва системанок натиҷаҳои таҳқиқотро пайгирӣ намуда, онро дар шакли ҷадвалу тасвирҳои мазмуннок ва хулосаҳои амиқ ифода намояд. Автореферерат мазмуни диссертатсияро комилан ифода менамояд.

фаъолии таҳқиқотии унвонҷӯ ба ӯ имкон доданд як қатор мақолаҳои ҷиддии илмиро ба нашр расонанд, ки мазмуни кори таҳқиқотии уро ифода намуда, қиммати баланди илмиро соҳибанд.

Ба андешаи ман рисолаи диссертатсионии Файзуллоева Мукаррама Маҳмудҷоновна дар мавзӯи «Технологияҳои муосири тадриси фани химия бо дарназардошти муносибати босалоҳият ба таълим» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси - 13.00.02 – Назария ва амалияи таълим ва тарбия (химия) кори мустақилонаи илмӣ-тахассусӣ буда, масъалаҳои муҳимми илми педагогика ва методикаи таълимро баррасӣ менамояд ва аз ин рӯ хоҳиш мекардам ӯро ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ дастгирӣ намоед.

Роҳбари илмӣ,
доктори илмҳои биологӣ,
фарматсевтӣ, профессор,
Президенти Академии таҳсилоти
Ҷумҳурии Тоҷикистон, академик Бобизода Г.М.

*Имзои Г.М. Бобизодаро тасдиқ мекунам:*

Нозири кадрҳои АТТ Саидова М.

ЧУМХУРИИ ТОЧИКИСТОН • АКАДЕМИЯИ ТАҲСИЛОТИ ТОЧИКИСТОН • РЕСПУБЛИКА ТАДЖИКИСТАН • АКАДЕМИЯ ОБРАЗОВАНИЯ ТАДЖИКИСТАНА
ШӮЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ